# СУРАТМАҶЛИСИ №71
## ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019

**28 июни соли 2025** **ш. Душанбе**

Иштирок доштанд: аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионии бо фармони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №15/шд (бо тағйиру иловаҳо аз 05 июли соли 2024, таҳти №225/шд) тасдиқ гардида, 12 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафар докторони илм ва 1 нафар номзад аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод гардид, ки ҷаласа кушода эълон гардад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аъзои шуро З.М. Соибов., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Миралиев И.Қ. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Саъдизода Ҷ. баромад намуданд (хулосаи комиссияи ташхис замима мегардад).

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

**Алимов Суробшо Юсуфшоевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Тоҷикистон-Россия.

**Бобоев Анварбек Хоҷаевич** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, дотсети кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзозода Қ.Х.**